# 07 00 00 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ва АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ и АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 HISTORICAL SCIENCES and ARCHEOLOGY

## 07 00 02 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
## 07 00 02 HOME HISTORY

*УДК 321*
*ББК 66.033.112*

### *НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН*

***Шарифзода Абдуфаттоҳ,*** *д.и.т., профессор, узви вобастаи АИ ҶТ*
***Шарифзода Маҳина Толиб,*** *ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшисии АИ ҶТ (Тоҷикистон, Душанбе)*

### *РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА*

***Шарифзода Абдуфаттох,*** *д.и.н., профессор,член корреспондент АН РТ;* ***Шарифзода Махина Талиб,*** *научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии АН РТ (Таджикистан, Душанбе)*

### *THE ROLE OF NATION LEADER IN THE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN ECONOMY*

***Sharifzoda Abdufattoh****, Dr. of History, Professor, correspondent member of the Academy of Sciences of Tajikistan Republic ;*
***Sharifzoda Makhine Tolib****, scientific officer of the Institute of History, Archeology and Study of Nation attached to Tajikistan Republican Academy of Sciences (Tajikistan, Dushanbe)*

***Калидвожаҳо:*** *Президент Эмомалӣ Раҳмон, Иҷлосияи XVI-и Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, истиқлолияти энергетикӣ, истиқлолияти озуқаворӣ, НБО Рогун, бунбасти коммуникатсионӣ*

*Дар мақола ба таври иҷмолӣ нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар иҷлосияи XVI Шӯрои олии Тоҷикистон ба сари ҳокимият омада буд, дар рухдодҳои сарнавиштсози мамлакат дар тӯли 27 соли давраи истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Саҳми бевоситаю беназири Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори имзои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, барқарор намудани ҳокимият ва мақомоти идора баъди ҷанги шаҳрвандӣ, созмон додани артиши миллӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва озуқавории мамлакат, сохтмони роҳҳои автомобилгард ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, бунёди нақбҳои Истиқлол, Озодӣ, Шаҳристон бо далелу бурҳонҳо исбот карда шудааст. Талошу заҳматҳои Президент Эмомалӣ Рахмон баҳри сохтмони НБО Рогун махсусан таъкид гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *Президент Эмомали Рахмон, XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, Соглашение об установлении мира и национального согласия, энергетическая независимость, продовольственная независимость, Рогунская ГЭС, выход из коммуникационного тупика*

*Представлен краткий анализ роли Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, избранного главой государства на XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан, в судьбоносных для страны событиях, произошедших в годы государственной независимости. Аргументированно показан беспрецедентный вклад Эмомали Рахмона в подписание Соглашения об установлении мира и национального согласия, в восстановление законной власти и органов управления после гражданской войны, создание Национальной армии, достижение энергетической и продовольственной независимости, строительство автомобильных дорог, тоннелей Истиклол, Озоди и Шахристан, вывода республики из коммуникационного тупика. Уделено особое внимание усилиям Президента по строительству Рогунской гидроэлектростанции.*

***Key words:*** *President Emomali Rakhmon, the XVI-th session of the Supreme Council of Tajikistan Republic, Agreement on establishment of peace and national concord, electric power independence, food stuffs independence, Rogun HEPS, way out of communicative impasse*

*The article presents a brief analysis of the role of Tajikistan Republic President Emomali Rakhmon elected a head of the government at the XVI-th session of Tajikistan Republic Supreme Council in the events, fateful for the country, which took place in the years of state independence. The author adduces grave arguments to show Emomali Rakhmon's unprecedented contribution into the signing of the Agreement on the following items: establishment of peace and national concord; reinstatement of legitimate authorities and bodies of governance after the civil war; creation of the National army; attainment of electric power and food stuffs independence; building of autoroads, Istiklol, Ozodi and Shakhristan tunnels; way out of communicative impasse. Special attention is paid to President's efforts concerned with the construction of Rogun hydro-electric powerstation.*

16-ноябр чун дигар санаҳои таърихи навини Тоҷикистон санаи муборaку тақдирсоз аст. Оғози иҷлосияи тақдирсози миллат иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷлосияи сарнавиштсозе, ки дар кори он тақдиру қисмати давлати соҳибистиқлоли миллати бузурге бо ном тоҷик ба дасти раиси ҷавону тозаинхоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супорида шуд, 16 ноябр буд.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи оғози иҷлосияи тақдирсози миллат-Иҷлосияи XVI -уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо мегирад.

15 апрели соли 2016 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйироту иловаҳо ворид гардид. Мувофиқи ин тағйирот ҳамасола 16 ноябр- ин рӯзи таърихӣ ва сарнавиштсоз барои миллати тоҷик ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

Ин рӯз имконияти мусоидест то мо аз корнамоиҳои бемисли ин фарзанди сарсупурдаи миллат, Пешвою роҳнамои тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи на-

ҷоти миллат аз вартаи ҳалокат ва бунёдгузории давлати навини тоҷикон ёдовар шавем.

Дар бораи корнамоиҳои беамсоли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр навиштаанду боз ҳам менависанд. Муҳимтар аз ҳама Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо сулҳ оварданд, давлатро ба сӯйи пешрафту тараққиёт роҳнамо гардиданд ва ба савганди хеш, ки гуфта буданд «Ман ба Шумо сулҳ меорам…» устувору содиқ монданд.

Бесабаб нест, ки имрӯз ба бозёфти иҷлосияи таққдирсози миллат ба хизматҳои шоистаи шахсияти тақдирсози давлату миллат, яъне муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арҷ гузошта мешавад ва бояд ҳамин тавр ҳам бошад зеро, ки ин шахсияти таърихӣ барои ин давлату ин миллат саодат овардааст, сулҳ ва пайки ободию нишот овардааст.

Зиндагию фаъолияти давлатдории ин абармарди тоҷик воқеан достони пур аз корнома ва қаҳрамониҳо мебошад, ки қалам дар тасвири он оҷизӣ мекашад.

Таърихи гузаштаи миллати тоҷик ба ҳама хурду бузург маълум мебошад. Марҳилаҳои душвору сангини таърихиро ин миллати тамаддунофар паси сар намудааст. Илова ба ин давраҳои пуруқубату душвори таърих дар оғози солҳои 90-уми қарни XX боз як имтиҳони сахту сангини дигареро бар сари ин миллати тоҷдор пеш овард, ки он ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд, ҷанге, ки дар ҳамон шабу рӯз миллати тоҷикро роҳнамо ба сӯйи ҳалокату фаношавӣ ва парокандагӣ буд.

Эмомалӣ Раҳмон замоне ба сари қудрат омад, ки Тоҷикистон дар гирдоби ҷанги бародаркушӣ қарор дошта, хавфи аз байн рафтани давлати тозаистиқлол ба миён омада буд. Хиёнаткорону бадхоҳон бо маслиҳати хоҷагони хориҷии худ вазъи кишварро то ба он дараҷа мураккаб сохта буданд, ки тамоми шохаҳои давлатдорӣ фалаҷҷ гашта, бештари сохторҳои низомию қудратӣ аз иҷрои вазифаҳои худ даст кашида буданд (1). Касе дар андешаи давлатдорию давлатсозӣ набуд. Нафарони бар сари ин миллат ҳамон бадбахтиҳоро оварда, бо хоҷагони хориҷии худ дар андешаи пулу мол ва мансаб буданд, касе набуд, ки пеши роҳи гумроҳсозии ин миллати тоҷдорро гираду ба бадхоҳони миллат ҷавоби сазовор диҳад.

Дар чунин шароит Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи сиёсии мамлакат дар он рӯзҳо иҷрои вазифаҳои зеринро дар навбати аввал гузошта буд: дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон барқарор намудани ҳокимият ва мақомоти идоракунӣ ва таъмини кори пурмасъулияти онҳо; барқарор намудани сохтори мақомоти амалкунандаи ҳифзи ҳуқуқ дар маҳалҳо ва барои онҳо дар иҷрои вазифаи худ фароҳам овардани шароити мусоид; таъсис додани артиши миллӣ; пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид шудани кишвар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ (2).

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки мо вазифадорем нахуст амнияти давлатамонро таъмин намоем, артишро созмон дода, фаъолияти милиса, амнияти миллӣ ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро таҳким бахшем, зеро давлате, ки худашро муҳофизат ва ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан арзише надорад.

Дар 27 соли давлатдорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корнамоиҳои зиёде анҷом доданд, ки дар таърихи навини давлатдории тоҷикон бо ҳарфҳои зарин сабт мегарданд. Аввалин коре, ки ин абармарди дунёи сиёсат анҷом доданд, ин хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини сулҳу иттиҳоди миллат ва баргардондани гурезаҳои тоҷик ба Ватан мебошад.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ саҳифаи наву рангин ва хотирмонест дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистон.

Вале то ба имзо расидани ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз бо таъсири қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ ба роҳ андохта шуд, ки боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, талафоти бузурги молӣ ва маънавӣ гашт. Муқобилияти мусаллаҳона ба иқтисодиёти давлат зарари ниҳоят бузург расонид, ҳазорон нафар тарки Ватан карданд ва дар кишварҳои ҳамсоя муҳоҷир шуданд.

Дар ин задухурдҳои бемаънӣ сутуни давлату давлатдорӣ фалаҷ гардид, хавфи пош хӯрдани давлати Тоҷикистон аз харитаи сиёсии ҷаҳон ва суқути миллати тоҷик пеш омад.

Музокироти сулҳи тоҷикон дар 8 давр анҷом ёфтанд. Даври аввалаш дар шаҳри Москва аз 5 то 19 апрели соли 1994 ҷараён гирифт, вохӯриҳои баъдина бошад дар сатҳи олӣ 19 июли соли 1995 дар Теҳрон, 10-11 декабри соли 1996 дар Афғонистон ва 19-23 декабри ҳамон сол дар Москва, 21-22 феврал ва 16-18 майи соли 1997 дар шаҳрҳои Машҳад ва Бишкек доир гардиданд.

Ниҳоят, бо баргузории чандин мулоқоту сӯҳбатҳо ва музокироти пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди сулҳи тоҷикон бо имзои санади таърихии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба фарҷом расид ва ин сана дар тақвими миллати тоҷик ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ сабт гардид.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон яке аз бузургтарин сабақҳои мактаби сиёсатмадорӣ ва давлатдории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст (3, с. 27).

Баъдан давоми солҳои дигари соҳибистиқлолӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳое анҷом доданд, ки барои ин давлату миллат роҳи саодату иқболро барои садсолаҳо боз намуд. Идоракунии давлат ва миллат дар шароити бисёр сангини солҳои навадуми қарни гузашта кори саҳлу осон набуд. Ҳамагон хуб огоҳ ҳастанд, ки Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолият, ҳадафи нақшаҳои разилонаи зумрае аз гумроҳони миллат, хусусан роҳбарон ва аъзои ташкилоти террористию экстремистии Ҳизби наҳзати ислом ва хоҷагони хориҷияшон гашт, ки мехостанд дар Тоҷикистон давлати исломӣ барпо намоянд ва як гурӯҳ гумроҳони миллатро бар сари қудрат биоранд. Вале Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҷавонмарди асил, миллатдӯсту ватандори асил нақшаҳои разилонаи аҳриманҳои ҷаҳони навро барбод доданд ва нагузоштанд, ки давлату миллати тоҷик дар харитаи сиёсии ҷаҳон беному нишон гарданд.

Душманон ва хоинони давлату миллати тоҷик баъд аз барқарорсозии сулҳу оштӣ низ дар Тоҷикистон дар ниқоби ҳизби исломӣ маротибаҳои зиёд кӯшиши табаддулоти давлатӣ намуданд, то ин миллатро ба гумроҳӣ баранду нақшаҳои разилонаи худро амалӣ намоянд. Вале Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки давлату миллат барояшон воқеан ҳам арзиши бузург доранд, боз ҳам аз ҳар амали разилонаи онҳо пешгирӣ намуда, нақшаҳояшонро барбод доданд, то давлат орому мардуми тоҷик тинҷу осуда бошад.

Дар бисту ҳафт соли истиқлолият пойдевори давлатдории миллӣ гузошта шуда, барои таҳкими он бо заҳмати мардуми сарбаланди кишвар ва дар доираи татбиқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бузург ба анҷом

расонида шуд ва имрӯз ба сӯи фардои боз ҳам осудаву ободи Ватан қадамҳои устувор гузошта мешавад.

Ҳамаи захираву имкониятҳо дар мамлакат аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, кишоварзӣ, фарҳангу маориф ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар карда шуд то сатҳи зиндагии мардум беҳтару хубтар гардонда шавад.

Бо мақсади фароҳам овардани заминаи воқеӣ ҷиҳати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», сипас дар заминаи ҳадафҳои нави рушди устувор, ки соли 2015 дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Нью-Йорк қабул гардида буд, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030) таҳия карда шуд (3).

Дар амал татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ барои аз 81 фоизи соли 1999 то 31,6 фоиз дар соли 2015 паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар шудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат намуд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз соли 1997 то соли 2016 3,8 маротиба афзуда, рушди миёнаи он дар як сол 7,1 фоизро ташкил дод. Рушди иқтисодиёт дар ин давра ба шарофати афзоиши мунтазами фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъмин гардид (4).

Бо мақсади содагардонии савдои байналмилалӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва шаффофият, мусоидат ба рушди босуботи иқтисодӣ ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2001 ба котиботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ҷиҳати дохил шудан ба Созмони мазкур муроҷиат намуд.

Дар ин самт тибқи супоришҳои бевоситаи Роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати тезонидани раванди дохилшавӣ ба СУС як қатор корҳо ба анҷом расонида шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 2013 узви 159-уми комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо яке аз масоили афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мегардад. Узвияти Тоҷикистон дар ин созмон имкон медиҳад, ки дар дохили кишвар низоми шаффоф, пешгӯйишаванда ва ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯйи тиҷорат рушд ёфта, рақобатпазирии маҳсулоти дар дохили кишвар истеҳсолшаванда беҳтар гардад, инчунин барои иштироки фаъолона дар раванди ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва имконияти истифодаи афзалиятҳои савдои байналмилалӣ мусоидат намояд (3, с. 86).

Якум тадбире, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафту тараққиёти давлат ва зиндагии шоистаи мардум анҷом доданд ин раҳоии мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ яке аз шартҳои асосии пешрафти иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Дар солҳои истиқлолият дар соҳаи нақлиёти кишвар 45 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, беш аз 2000 километр роҳҳои мошингард, 31 километр нақб ва беш аз 200 пул сохта,

мавриди истифода қарор дода шуда ҳаракати мунтазами нақлиёт дар тамоми қаламрави мамлакат дар тамоми фаслҳои сол таъмин карда шуд. Ҳамлу нақли молу маҳсулот тавассути нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан афзун гардида, иртиботи ногусастании Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои минтақа тавассути хатсайрҳои нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан таъмин гардид (5, с. 1-2).

Дар 27 соли истиқлолият шоҳроҳи автомобилгарди Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қароқурум, қитъаҳои Мурғоб – Кулма, Шоҳон – Зиғар ва Шкев – Зиғар бунёд гардида, шоҳроҳҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, Дустӣ – Панҷи Поён навсозӣ шуданд, ҳамчунин нақбҳои Истиқлол, Озодӣ, Шаҳристон, Хатлон ва пулҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ аз болои дарёи Панҷ мавриди истифода қарор гирифтанд. Таҷдиду навсозии шоҳроҳҳои Душанбе – Чанок, Ваҳдат – Ҷиргатол – Саритош (сарҳади Қирғизистон), Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Мурғоб, қитъаи Душанбе – Данғара, Қӯрғонтеппа – Дӯстӣ ба анҷом расида татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ доир ба таҷдиди роҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа, Хуҷанд – Исфара, Кӯлоб – Шамсиддини Шоҳин, Шкев – Қалъаихумб, Темурмалик – Балҷувон – Ховалинг ва қитъаҳои дигар ба маблағи 7,7 миллиард сомонӣ идома дорад.

Соли 2015 азнавсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода ба масофаи 57 километр ба маблағи беш аз 800 миллион сомонӣ ва шоҳроҳи Айнӣ-Панҷакент ба масофаи 113 километр ба маблағи беш аз 700 миллион сомонӣ анҷом ёфт (5, с. 1-3).

Роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб нахустин сохтмони бузургест, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ бо истифода аз маблағҳои ҷумхуриявӣ бо дастури Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сохта ба истифода дода шудааст. 7-уми сентябри соли 1998 маросими ифтитоҳи марҳилаи якуми ин роҳ, ки дарозиаш 54 километр ва марҳилаи дуввуми ин роҳ – қисмати Данғара – Қурбоншаҳид – Кӯлоб бо дарозии 80 километр, дар санаи 7-уми сентябри соли 1999 мавриди истифода қарор гирифт.

Ҳамчунин, роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа, (қисмати Ваҳдат – Ёвон) ки аз дарозии 46 км иборат аст дар арафаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба истифода супорида шуд, яъне робитаи пойтахти мамлакат бо яке аз вилоятҳои калонтарини кишвар – вилояти Хатлон таъмин гардид. Дар маҷмӯъ дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар мамлакат бештар аз 207 км роҳҳои оҳан сохта ба истифода дода шуд. Маротибаҳои зиёд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо неруи барқ ғғайриимкон аст ва бо ибтикороти бевоситаю шахсии худ тавассути амалисозии лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ шоҳсутуни истиқлолияти энергетикии Тоҷикистонро пойбарҷой гардонданд.

Дар роҳи рушди соҳаи энергетика қадамҳои устувору боварибахш гузошта шуд. Истиқлолияти энергетикӣ таъмин гардид ва агрегати нахустини НБО Роғун, ки бунёди онро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамагон амалӣ иҷро нашаванда медонистанд, санаи 16 ноябри соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор андохта шуд (7). Яъне талошу заҳматҳои Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи энерегетика боровар шуд ва Тоҷикистон дар баробари пурраи эҳтиёҷоти дохилии худ бо барқи доимӣ ҳамчунин ба кишвари содиркунандаи барқи аълосифат табдил хоҳад ёфт.

Дар роҳи татбиқи амалии ин нақша ва бо мақсади бо қувваи барқ таъмин намудани соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ҳамчунин ду агрегати НБО-и «Помир-1», НБО-и «Сангтӯда 1» ва НБО-и «Сангтӯда 2» ба истифода дода шуд.

Дар Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар маҷмӯъ 273 адад нерӯгоҳҳои барқи обии хурд бо иқтидорҳои аз 5 то 4300 кВт сохта ба истифода дода шудааст, ки иқтидори умумии онҳо 24 230 кВт-ро ташкил дода, корҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашии 11 адад НБО-и хурд бо иқтидори умумии 12825 кВт ба роҳ монда шудааст.

Соли 2016 навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе - 2» (300 мегаватт) ба маблағи дуюним миллиард сомонӣ ба истифода дода шуд, ки ин таъминоти аҳолиро бо барқ хеле беҳтар гардонида, мушкилоти таъмини барқро дар фасли зимистон аз байн бурд. Инчунин, сохтмони хатти минтақавии интиқоли барқи КАСА-1000 (252 километр) ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ оғоз гардид, ки он шабакаҳои барқии моро бо дигар кишварҳои минтақа пайваст намуда, ба тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо давлатҳои ҳамсоя мусоидат мекунад (6, с. 1-3).

Соҳаи кишоварзии мамлакат ҳам, ки аз сарчашмаҳои асосии таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ба ҳисоб меравад, бо ғамхорию таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин давраи кутоҳи таърихи бемайлон рушд кард ва дар роҳи таъмини амнияти озуқаврии мамлакат гомҳои устувор гузошта шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати аграрӣ буда, таъмини амнияти озуқавории мамлакат аз пешрафти соҳаи кишоварзӣ вобастагии калон дорад.

Дар 15 соли охир дар соҳаи кишоварзӣ 42 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 3,7 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуд. Айни замон дар соҳаи мазкур татбиқи 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 1,5 миллиард сомонӣ идома дорад (6, с. 1-3).

Мутобиқи маълумоти оморӣ дар соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 21578 миллион сомониро (бо нархҳои ҷорӣ) ташкил дод, ки нисбат ба соли 1991, 68,8 фоиз афзуда, ба соҳаи растанипарварӣ 14624 миллион сомонӣ ва чорводорӣ 6954 миллион сомонӣ рост меояд.

Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2015 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, аз қабили ғалладона 1392,6 ҳазор тонна, пахта 270 ҳазор тонна, картошка 887,4 ҳазор тонна, сабзавот 1666,6 ҳазор тонна, полезӣ 592,4 ҳазор тонна, мева 299,3 ҳазор тонна ва ангур 203,8 ҳазор тонна, гӯшт 217,7 ҳазор тонна, шир 888,9 ҳазор тонна ва тухм 357,2 миллион дона расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1991 ғалладона 4,6 маротиба, картошка 4,9 маротиба, сабзавот 2,6 маротиба, полизӣ 3,4 маротиба, мева 69,3 фоиз, ангур 68,6 фоиз, гӯшт 44,5 фоиз, шир 51,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2015 истеҳсоли ғалла нисбат ба соли 1996 ба миқдори 844 ҳазор тонна, картошка 780 ҳазор тонна, сабзавот 1270 ҳазор тонна, полезӣ 540 ҳазор тонна, мева 173 ҳазор тонна ва ангур 82 ҳазор тонна зиёд гардид.

Дар баробари амалисозии муваффақонаи се ҳадафи стратегии мамлакат ба талошу заҳматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи бисту ҳафт соли соҳибистиқлолӣ сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоиз то 28 фоиз коҳиш ёфт ва бо тасмимҳои иловагии Пешвои миллат ин нишондиҳанда то соли 2030 ба 15 фоиз расонда мешавад (8, с. 2).

Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар чандин ноҳияҳои кишвар бунёди минтақаҳои саноатӣ, аз ҷумла ду корхонаи коркарди нафт бо иқтидори қариб 2 миллион тонна, се корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори беш аз 3 миллион тонна,

корхонаҳои бофандагӣ бо иқтидори коркарди 52 ҳазор тонна нахи пахта ва истеҳсоли 150 миллион метри мураббаъ матои пахтагин, сохтмони се корхонаи саноати кимиё, коркарди металлҳои ранга бо иқтидори истеҳсоли 1400 килограмм тилло, корхонаи бузурги металлургӣ бо иқтидори 50 ҳазор тонна рӯҳ ва 50 ҳазор тонна сурб ва боз як корхонаи металлургӣ бо иқтидори 400 ҳазор тонна солҳои 2016-2017 ба истифода дода шуданд.

Дар зарфи 27 сол беш аз 500 корхонаи нави истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ сохта ва ба истифода дода шуданд. Теъдоди коргарони ин корхонаҳо зиёда аз 12 000 нафарро ташкил медиҳад. Ҳоло дар кишвар 6 корхонаи хурду калони истеҳсоли семент, 90 корхонаи истеҳсоли хишт, 50 корхонаи истеҳсоли регу шағал, 7 корхонаи коркарди санг, 8 корхонаи истеҳсоли оҳаку гаҷ ва ғайра фаъолият доранд.

Бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон корхонаҳои бузурги сементбарорӣ - ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон (иқтидори солонааш 1,2 миллион тонна), ҶДММ «Тоҷ Чайна 2013»-и шаҳри Ваҳдат (иқтидори солонааш 1,2 миллион тонна), ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд семент»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (дар як сол беш аз 1 миллион тонна), хиштбарорӣ - ҶДММ «Пейҷинг технология»-и ноҳияи Ҳисор, коркарди санг – ҶДММ «Элегант»-и шаҳри Бӯстон, ҶДММ «Корона мармар»-и ноҳияи Дарвоз ба фаъолият оғоз намуда, ҶСК «Сементи Тоҷик» азнавсозӣ карда шуд.

Дар соли 2015 истеҳсоли семент дар кишвар ба 1,4 миллион тонна расонида шуд.

Мувофиқи талаботи стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон ва барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои алоҳидаи саноат бо мақсади беҳгардонии вазъи демографӣ, таъмини аҳолии ноҳияҳо бо ҷойи кор бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаи хурду бузурги истеҳсолӣ эҳё гардида, ҳазорон нафар бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Агар дар соли 1992 дар ҷумҳурӣ 1628 корхонаи саноатӣ вуҷуд дошта бошанд, пас шумораи онҳо имрӯз ба 2300 адад расидааст. Дар ин корхонаҳо 96,4 ҳазор нафар одамон ба фаъолиятҳои доимии корӣ таъмин шудаанд. Танҳо дар як соли 2015 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи амал оид ба таъсиси корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» дар ҷумҳурӣ 468 истеҳсолоти нав бо фарогирии 8903 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар зарфи 27 соли Истиқлолияти давлатӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон якчанд корхонаи ресандагиву бофандагӣ бунёд ва навсозӣ гардиданд, аз қабили: ширкати ресандагии «20 – солагии истиқлоли Тоҷикистон» (2010) дар ноҳияи Ёвон, корхонаи ресандагии «Фаррес» (2010) дар ноҳияи Фархор, корхонаи ресандагии «Олим Текстайлз» (2011) дар ноҳияи Мастчоҳ, корхонаҳои ресандагии «Хуҷанд-Инвест Коттон» ва «Нику - Хуҷанд» (2011) дар шаҳри Хуҷанд, корхонаи ҷуроббофӣ дар ноҳияи Зафаробод (2011), корхонаи ресандагиву бофандагии «Ресанда» (2013) дар шаҳри Қурғонтеппа, корхонаи ресандагӣ ва бофандагии «Ресандаи Тоҷикистон» (2015) дар шаҳри Хуҷанд, Маҷмааи нассоҷии ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» ба истифода дода шуданд.

Пешвои миллат дар баробари татбиқи бобарори сиёсати башардӯстонаи дохилӣ ҳамчунин дар пешбурди сиёсати хориҷии «дарҳои боз» низ муваффақ гардиданд.

Дар сиёсати хориҷии «дарҳои боз», ки аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш гирифта шудааст, муаррифии шоистаи давлату миллат мақоми устувор дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти худ ҳамкории густурдаи минтақавию байналмилалиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисоди-

ву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон эътироф намуда, аз таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа ва ҷаҳон бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод ҷонибдорӣ менамояд.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтикори созандаву иқдомоти борвари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад ва ин сиёсат сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои судманд густариш диҳад.

Ташаккули давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо таҳкими асосҳои сохтор дар ҳама соҳаҳо, ба ислоҳоти бунёдӣ рӯ оварда, барои ҷалби бештари ташкилоту созмонҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Имрӯз Тоҷикистон бо узвияти хеш дар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз манофеъ ва арзишҳои миллӣ дифоъ намуда, дар мабоҳиси масоили умдаи минтақавӣ ва миқёси байналмилалӣ назари худро иброз дошта, ҷиҳати амалӣ намудани ҳалли пешомадҳои сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоии глобалӣ пешниҳодоти мушаххаси худро ба миён мегузорад ва бо чунин иқдомот ва тасмимгириҳои ҳадафмандона ҳузури худро дар тамоми чорабиниҳои фарогир таъмин мегардонад.

Дар давраи кутоҳи таърихии соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо азму иқдомҳои бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббускори ҷаҳонии ҳалли масоили глобалӣ дар соҳаи об эътироф гардид.

Масъалаи истифодаи захираҳои об аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, вобаста ба ин Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо манзури якчанд пешниҳодҳои ҷолибу пурарзиш дар сатҳи байналмилалӣ, аз қабили «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005-2015», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028» аз минбари Созмони Милали Муттаҳид эълон дошт ва Тоҷикистон имрӯз ҳамчун кишвари пешоҳанги равандҳои глобалии марбут ба об шинохта шудааст (3, с. 93).

Тоҷикистон соҳибистиқлол дар доираи сиёсати башардӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кишваре, ки оқибатҳои фалокатбори терроризму ифротгароиро паси сар намудааст имрӯз дар хати пеши муборизаи беамон бар зидди ин вабои аср меистад. Бо сиёсати хирадмандона ва инсондӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста ба бухрони сиёсӣ ва амниятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки ба минтақа ва ҷаҳон хатари гӯшношид доранд, ҷалб гардидааст. Зеро Сарвари давлати мо аз рӯзҳои нахустини зимоми давлатдорирор бар дӯш гирифтанашон таъмини амнияти суботро дар минтақа таъмини амнияту суботи сартосарии ҳар давлати минтақа аз ҷумла Тоҷикистони соҳибистиқлол донистанд.

Ифтихормандии мо мардуми тоҷик низ аз он аст, ки Сарвари давлати мо дар барорбари таъмини амнияту бехатарии мардум ва давлати тоҷик дар андешаи сулҳу суботи сартосарии минтақа ва ҷаҳон ҳастанд ва пайваста аз минбарҳои баланду бонуфузи ҷаҳон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Умуман тамоми дастоварду пешравиҳои Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла қабули барномаҳои зиёди давлатӣ ва консепсияву стратегияҳои миллӣ, татбиқи ислоҳоти фарогир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, корҳои бунёдкориву созандагӣ, яъне сохтмону таҷдиди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, иншооти энергетикӣ, роҳу нақлиёт ва дигар иқдомоти созанда ба фаъолияти серҷабҳа

самарабахшу шабонарӯзии як шахсияти таърихӣ ва он ҳам бошад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рабт дорад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки шакли идораи давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Таҷрибаи роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат маротибаҳои зиёд собит сохт, ки идораи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳвари калидии низоми сиёсии Тоҷикистон мебошад ва таҳкими истиқлолияти давлатии тоҷикон бевосита ба ташаккули ниҳоди президентӣ вобастагии калон дорад.

Ҳамзамон дар Конститутсияи мамлакат омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (9, с. 40). Барои дар амал татбиқ намудани ҳамаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи давлат яъне президентӣ нақши калон дорад. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст. Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон аст (9, с. 40).

Имсол маротибаи сеюм аст, ки Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Албатта дар ин рӯз чун нишони эҳтирому арҷгузорӣ ба хизматҳои шоёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи пешрафту ободии Тоҷикистон ва иқболу саодати миллати куҳантамаддуни тоҷик дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат чорабиниҳои гуногуни сиёсӣ, фарҳангию варзишӣ гузаронида мешаванд. Гузаронидани чунин чорабиниҳо албатта дар ташаккули афзуни тафаккури ҷомеа, баланд бардоштани ҳувиятии миллии насли ҷавону наврас ва иттиҳоду ҳамбастагии мардуми тоҷик нақши муасир мегузорад ва як навъ баёни изҳори сипоси мардум ба Сарвару роҳнамои хеш барои таъмини зиндагии шоиста ва орому осуда мебошад.

Хизматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Пешвои муазами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи ободию пешрафти сарзамини аҷдодӣ ва маҳбубияту маъруфияти Тоҷикистон ва тоҷикон басо бузургу бебаҳоянд.

Давлат ва миллати тоҷик имрӯз бо номи ин абармарди дунёи сиёсат ифтихорманд аст ва сари болою рӯйи сурхи ин мардум натиҷаи талошу заҳматҳои бесобиқаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи пойбарҷойии Тоҷикистон мебошад. Ҳазорон маротиба шоистаи таъкид аст, ки саргузашти ин абармарди тоҷик- марде, ки қисматаш бо қисмати ин миллату ин давлат пайванд, воқеан достони пур аз корнома ва қаҳрамониҳо мебошад.

***Пайнавишт:***

1. *Зуфар Исмоилзода: «Президент рамзи давлатдорист!» / Мусоҳиба бо вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зуфар Исмоилзода // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар». – 2016 – 16 ноябр. URL: http://khovar.tj/2016/11/zufar-ismoilzoda-prezident-ramzi-davlatdorist/*

2. *Муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба халқи шарифи Тоҷикистон // Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. -Душанбе: Ирфон, 1995. С.7-8.*
3. *Шарифзода Абдуфаттоҳ. Тоҷикистон-25. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 372 с.*
4. *Айёми ба ҳақиқат табдил ёфтани ормонҳои ҳазорсола / Мусоҳиба бо вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода //Садои мардум. – 2016. - № 20 (3600). – 20 сентябр.*
5. *Суханронии Эмомалӣ Раҳмон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 21 июни соли 2016//Ҷумҳурият. – 2016. - №120. – 21 июн. – с. 1-2.*
6. *Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи соли 2016, шаҳри Душанбе// Ҷумҳурият. – 2016. – №14. – 21 январ. – с.1-3.*
7. *Рогун – кохи бузурги нур (Гузориш аз маросими ба кор даровардани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии "Рогун", 16 ноябри соли 2018) // Ҷумҳурият. – 2018. – № 223 - 224. – 16 ноябр. – с.1.*
8. *Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 8 сентябри Соли 2018, шаҳри Душанбе// Ҷумҳурият. –2018. – 177-178. – 10 сентябр. – с.2*
9. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: матни расмӣ. -Душанбе: Ганҷ, 2016. -С.40.*

**Reference Literature:**

1. *Ismoilzoda Zufar. President Being a Symbol of State. Interview with Zufar Ismoilzoda, deputy of Majlisi Oli Majlisi Namoyandagon of TR // "Khovar" (informational news) National Informational Agency of Tajikistan. 2016, November 16. /URL: http://khovar.tj/2016/11/zufar-ismoilzoda-prezident-ramzi-davlatdorist/*
2. *TR Supreme Council Chairman Emomali Rakhmon's Appeal to the People of Tajikistan // Rakhmonov Emomali. Tajikistan: Four Years of Independence and Self-Consciousness. Dushanbe: Cognition. – 1995. – pp. 7-8*
3. *Sharifzoda Abdufattoh. Tajikistan 25 – Dushanbe: Cognition, 2018. – 372 pp.*
4. *The Period of Millenia Dreams Transformation into Reality. Interview with Negmatullo Hikmatullozoda, Minister of TR Economy Development and Trade // Sadoi Mardum (The Voice of the People), 2016, N20 (3600), September 20*
5. *The Speech of Emomali Rakhmon, Leader of the Nation, TR President, in the National Council for Development under the Auspices of Tajikistan Republic President on June 21, 2016 in Dushanbe //"Djumkhuriyat" (Republic). 2016, N120, June 21.- pp. 1-2.*
6. *The Message of Leader of the Nation, TR President, Reverend Emomali Rakhmon to Majlisi Oli (Supreme Council) from January 20, 2016, Dushanbe // Djumkhuriyat. 2016, N14, January 21. – pp. 1-3.*
7. *Rogun as a Great World Castle (The Report from the Ceremony Concerned with Commissioning of the first Aggregate of Rogun Hydro-Electric Power Station; November 16, 2018 // Djumkhuriyat. 2018, N223- 224, November 16. –p.1.*
8. *Congratulations from TR President, Reverend Emomali Rakhmon, in Honour of the 27-th Anniversary of State Independence. September 8, 2018, Dushanbe // Djumkhuriyat, 2018, N 177-178, September 10*
9. *TR Constitution: Official Text: - Dushanbe, 2016. –p.40.*